Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

# Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

6 сентябри соли 2023 Чоршанбе

№ 71 (14978)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН ҲАЙАТИ ПОКИСТОНРО ҚАБУЛ КАРД

*Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 5 сентябр ҳайати Ҷумҳурии Исломии Покистонро зери роҳбарии фармондеҳи Қӯшунҳои хушкигарди Қувваҳои Мусаллаҳи ин мамлакат, генерал Осим Мунир пазируфт.*



Масъалаҳои рушди минбаъдаи ҳамкории бисёрҷанбаи Ӯзбекистону Покистон ва мустаҳкам намудани муносиботи шарикии стратегӣ баррасӣ гардиданд.

Дар аввали мулоқот меҳмони олиқадр ба роҳбари давлатамон паёми самимӣ ва таманноҳои беҳтарини Президенти Покистон Ориф Алвӣ ва иҷрокунандаи вазифаи Сарвазир Анвар Қақарро супурд.

Зимни мулоқот ба дастгирии суръати баланди афзоиши тиҷорати тарафайн, тезондани татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва пурзӯр намудани робитаҳои ҳамкории корхонаҳои пешқадами ду мамлакат бинобар «нақшаи роҳ»-и қабулгардида, эътибори алоҳида нигаронда шуд.

Дар заминаи масъалаҳои таъмини бехатарии минтақавӣ, аз он ҷумла дар партави вусъати воқеаҳо дар Афғонистон табодули афкор ба вуқӯъ пайваст.

Аҳамияти танзими кӯшишоти амалӣ бо мақсади пеш бурдани лоиҳаи сохтмони роҳи оҳани «Тирмиз – Мазори Шариф – Пешовар» таъкид гардид.

**ӮзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

# ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ: МО ДАР ТАЪРИХИ ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТ БОРИ АВВАЛ ЧУНИН ШАҲРРО МЕСОЗЕМ

**Президент Шавкат Мирзиёев 5 сентябр бо лоиҳаи нақшаи генералии шаҳри Тошканди Нав шинос гардид.**

Ҳоло дар Тошканд қариб 5 миллион нафар иқомат ва кор мекунанд. Бисёр иморатҳои иқоматӣ ва дигар объектҳо сохта мешаванд, ба инфрасохтор сарборӣ меафзояд. Ҳамзамон соле ба сохтмони 20 ҳазор квартира, беш аз 40 мактаб, кӯдакистон ва поликлиника эҳтиёҷ ба вуҷуд меояд. Бо назардошти суръати имрӯзаи урбанизатсия дар солҳои наздик интизор меравад, ки аҳолӣ боз ҳам зиёд мегардад.

Роҳбари давлат, ки ба масъалаҳои мазкур эътибори алоҳида медиҳад, вазифа гузошт, ки нақшаи инкишофи Тошканд барои 15-20 соли оянда пешакӣ муайян карда шавад. Бинобар он сохтмони шаҳри нав дар ҳошияи пойтахт дар асоси дастовардҳои замонавии меъморӣ шурӯъ гардид. 20 июли соли ҷорӣ қарори Президент дар бораи чорабиниҳо оид ба сохтмони шаҳри Тошканди Нав қабул гардида буд. Бинобар он Шӯрои ҳамоҳангкунанда зери роҳбарии Сарвазир ва маъмурият ташкил шудааст. Вазифаи муовини вазири сохтмон ва хоҷагии иқомативу коммуналӣ, ки ба лоиҳа масъул мебошад, ҷорӣ карда шудааст.

Барои татбиқи лоиҳаи доманфарох дар ноҳияҳои Юқоричирчиқ ва Ӯртачирчиқи вилояти Тошканд 19 ҳазору 720 гектар замин ҷудо карда шудааст. Дар марҳалаи аввал дар майдони 2,5 ҳазор гектар сохтмони биноҳои иқоматӣ ва объектҳои инфрасохтор барои 100 ҳазор нафар ба нақша гирифта шудааст. Аз ҷониби ин маъмурият ширкатҳои маъруфи хориҷӣ ҷалб гаштааст ва дар асоси амалиёте, ки дар мамлакатҳои рушднамуда бомуваффақият татбиқ гаштааст, нақшаи генералӣ, нақшаҳои соҳавӣ ва барномаҳои мақсаднок таҳия мегарданд.

Тақдимоти лоиҳаи нақшаи генералӣ дар корхонаи воҳиди давлатии «ТошкентбошпланЛИТИ» баргузор гардид. Муовини вазири сохтмон ва хоҷагии иқомативу коммуналӣ – директори Маъмурият оид ба сохтмони шаҳри Тошканди Нав дар бораи корҳои ҷорӣ дар самтҳои таъмини ояндаи инфрасохтори шаҳр, сохтмони роҳ ва пулҳо, таҳияи хулосаҳои муҳандисӣ, шаҳрсозӣ ва меъморӣ гузориш дод.

Дар лоиҳа хусусан ба ҷиҳатҳои экологӣ, шинамӣ ва сарфакории энергетикӣ, таъмини фаъолияти ҳамоҳангии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, оқилона пайвастани коммуникатсияи нақлиётӣ бо пойтахт эътибори алоҳида дода шудааст.

Пешбинӣ мегардад, ки Тошканди Нав шаҳри «оқил» ва «шаҳри боғӣ» мегардад. Дар маркази маъмурӣ идораҳои давлатӣ, Донишгоҳи Ӯзбекистони Нав, китобхона, музейи таърихӣ, қасрҳои маданият ҷойгир хоҳанд шуд. Инчунин мавзеъҳои корчаллонӣ ва инноватсионӣ, кластерҳои таълимӣ, тиббӣ ва сайёҳӣ ҷой дода мешаванд. Дар ҳудуди майдони 420 гектар боғи марказӣ, канал ва кӯлҳои сунъии байни мавзеъҳо, хиёбонҳо дар шафати дарёҳои Чирчиқ ва Қарасу ба вуҷуд оварда, инчунин шароит барои фароғати одамон фароҳам оварда мешавад. Маҳз дар ҳамин ҷо лоиҳаи «Камарбанди сабзи Тошканд» оғоз меёбад.

Лоиҳаҳои қисматҳои шаҳр аз ҷониби 20 ширкати маъруф аз мамлакатҳои мисли Сингапур, Британияи Кабир, Чин, Олмон, Туркия, Нидерландия, Куриёи Ҷанубӣ, АМА таҳия карда мешаванд. Роҳбари давлат ногузирии мутобиқати инфрасохторро ба стандартҳои пешқадам таъкид намуд.

– Дар 32 соли давраи истиқлолиятамон мо бори нахуст чунин шаҳрро месозем, ба он ширкатҳои пешқадами ҷаҳонро ҷалб менамоем. Аммо оё соҳаҳо ва стандартҳои мо мутобиқ ҳастанд? – савол гузошт Шавкат Мирзиёев. – Онҳо ба лоиҳаҳои замонавӣ ҳамоҳанг бояд бошанд. Маҳз аз ин боис аллакай имрӯз қонун ва стандартҳоро дар сохтмон, энергетика, обёрӣ, нақлиёт ва тамоми соҳаҳои наздик бинобар стандартҳои баландтарини ҷаҳонӣ такмил диҳем.

Президент бинобар то охири сол анҷом додани ҷузъиёти лоиҳакашӣ, муайян намудани лоиҳакашон ва ташкилотҳои сохтмон доир ба объектҳои марҳалаи аввал супориш дод.

– Чаро мо лоиҳаро тадриҷан, гаштаю баргашта баррасӣ мекунем? Чунки ин шаҳр ба халқамон садҳо сол бояд хизмат кунад. Одамон бояд дар ҷойи аввал бошанд,ояндаи сохтмон низ бояд ба ҳисоб гирифта шавад. Агар марҳалаи аввал ба таври комил татбиқ гардад, ин бароямон нуқтаи нишондодӣ хоҳад буд, – гуфт роҳбари давлат.

Ногузирии бармаҳал андешидани масъалаҳои баҳрабардорӣ аз бино ва инфрасохтори оянда, тайёр кардани мутахассисони марбут таъкид ёфт.

**ӮзА.**

## ДАР АСОСИ ҲАЛЛУ ФАСЛИ МУҲАНДИСИЮ ТЕХНИКИИ ПЕШҚАДАМ

*Заводи гидрометаллургияи рақами 3 тобеи Комбинати металлургияи кӯҳии Навоӣ дар муддати кӯтоҳи таърихӣ – тӯли 28 сол, ба корхонаи замонавии дорои мутахассисони муҳандисию техникӣ ва инфрасохтор табдил ёфт.*

*Дар соли 2019 дар завод маҷмааи сӯзондани партовҳо ба кор шурӯъ карда буд. Маҷмааи дар дунё ягонаи мазкур тибқи нишондоди Президенти кишвар дар доираи барномаи рушди Комбинати металлургияи кӯҳии Навоӣ то соли 2026 тибқи лоиҳаи «Такмил додани технологияи ҷудо кардани тилло аз маъдани кони «Кӯкпатас» ва «Довгизтов» бунёд гардид.*

*Маҷмаа бо таҷҳизоти технологии баландсифат ва ҳаллу фасли муҳандисию технологии пешқадам аз ҳаммонандҳои худ фарқ мекунад.*

*Заводи гидрометаллургияи рақами 3 дар айни ҳол соле 8 миллион тонна маъданро аз нав кор мекунад. Ин имкон медиҳад, ки ҳаҷми истеҳсоли тилло 3 баробар зиёд шавад.*

***Дар акс:** дар заводи мазкур.*

***Аксбардор: С. АСЛОНОВ (ӮзА).***




**Солҳои охир дар кишвари мо ба амиқсозии масъалаҳои ҳамкории саноатӣ, ҷалб намудани инноватсияи хориҷӣ, ки ҷонибҳоро ҷанбаи истиқболнок ва манфиатовар мебошад, эътибори махсус дода мешавад.**

## НАМОЯНДАГОНИ ВИЛОЯТИ НАВОӢ ДАР ХИТОЙ

Ҳафтаи гузашта ҳайати вилояти Навоӣ бо сарварии ҳокими вилоят Нурмат Турсунов ба Хитой ташриф овард. Онҳо ба шаҳри Чунсини ноҳияи Шапин ташриф оварда, бо роҳбарияти ноҳия мулоқот намуданд. Ҳангоми ташриф бо имконоти Маркази назорати импорти маҳсулоти гуштӣ ва автомобилии «Чонкинг раилвай порт» ва маркази логистикаи «Чонкинг интернационал логистисс ҳуб парк» шинос шуданд. Миёни «Чонкинг интернационал логистисс ҳуб парк» ва Минтақаи озоди иқтисодии Навоӣ таъсис додани «Логистик ҳаб» шартнома имзо гардид. Тибқи маълумотҳо, ширкати мазкур бо 300 маркази логистикаи 100 давлати ҷаҳон ҳамкорӣ дорад. Гардиши савдои солонаи он беш аз 20 миллиард долларро ташкил медиҳад. Дар шаҳри Чунсин 35 миллион нафар аҳолӣ буду бош дошта, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот баробари 400 миллиард доллар мебошад.

Ҳангоми ташриф аъзои намояндагӣ дар форуми иқтисодӣ ва сармоядорӣ, ки сафоратхонаи Ӯзбекистон дар Хитой ва палатаи савдо ва саноати Пекин баргузор намудаанд, иштирок намудаанд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# САЛОМ, МАКТАБ!

***Ба муносибати оғоз ёфтани соли хониши нав дар муассисаҳои таълимӣ, мактаб-интернатҳои ихтисосёфтаи эҷодӣ, мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва Президентӣ «Рӯзи дониш» баргузор гардид ва таҳти унвони «Барои ҳаёти нав, барои Ӯзбекистони Нав!» дарсҳо ҷараён гирифтанд.***

Саҳни мактабҳо хеле идона оро ёфтаанд. Ҷавонписарону духтарон инак, баъди ба охир расидани таътили тобистона боз ба мактаби азизи худ баргаштанд. Мактаб онҳоро ба оғӯш кашид. Акнун онҳо паси партаҳо нишаста аз устодони азизи хеш сабақ меомӯзанд...

Мувофиқи маълумотҳо имсол дар вилояти Ҷиззах 28 ҳазор нафар наврас ба остонаи мактаб бори аввал қадам ниҳод. Ба ҳамаи онҳо туҳфаҳои Президент: ҷузвдон ва 12 номгӯ лавозимоти дарсиро ботантана супориданд.

Назар ба иттилои расида дар кишварамон барои донишомӯзони синфҳои поёнии 1-4 беш аз ду миллион нусха китобҳои дарсӣ аз сари нав ба нашр расиданд. Ба ғайр аз ин, барои фанҳои информатика, таърих ва адабиёт китобҳои нави дарсӣ таълиф ёфтаанд, ки ҷамъи онҳо ҳам аз 300 ҳазор зиёдтар аст.

Дар Рӯзи дониш ҳокими вилоят ба Мактаби президентии шаҳри Ҷиззах ташриф овард. Ҳозиринро бо оғозёбии соли нави хониш табрик гуфт ва таъкид намуд, ки оянда дар дасти наврасон мебошад.

Бояд гуфт, ки на танҳо дар мактабҳои президентӣ, ё мактабҳои махсуси ихтисосёфтаи эҷодӣ, балки кулли мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ шароит мусоид фароҳам оварда шудааст.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

## СОҲИБКОРОН БА СОҲАИ ТАЪЛИМ БЕФАРҚ НЕСТАНД

***Дар кишварамон соҳибкороне ҳастанд, ки маблағи худро натанҳо барои фарвонии рӯзгори худ, кумак ба маълулону дармондагон, балки барои соҳаҳои ҳаётан муҳими ҷомеа сарф намуда, сиёсати ҳукумати феълиро дар робита ба баланд бардоштани сифати таълим амалан тақвият медиҳанд.***

Дар ҷамоаи шаҳрвандони маҳаллаи «Ойдин»-и ноҳияи Нишони вилояти Қашқадарё филиали мактабе мавҷуд буд, ки соҳиби 80 ҷойи хониш ва илова бар ин солҳои охир ба таъмири куллӣ ниёзманд гашта буд. Ҳолати риққатовари мактаб боиси эътирози барҳақи волидон мешуд. Ин бинои мактаб аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Нурбек Эргашев, ки роҳбари Коргоҳи дорои масъулияти маҳдуди «Султон текс» аст, дар муддати кӯтоҳе бозгигарӣ шуда, ба як маскани илму маърифатомӯзии ободе мубаддал гашт. Соҳибкори саховатманд ба дабистони мазкур биноҳои наве изофа намудаву шумори ҷойи таҳсилро ба 160 расонд ва кунун маҳаллаи «Ойдин» соҳиби мактаби наве шуд, ки дар феҳрасти Шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳия таҳти рақами 44 сабти ном гардид. Ин амали неки соҳибкор дар оғози соли хониш ба кулли донишомӯзони маҳаллаи мазкур туҳфаи хубу хотирмоне шуд. Ҳоло дабистони мазкур соҳиби ҷиҳози комилан наву замонавии хониш, китобхонаи алоҳидаи ҷавобгӯйи меъёр, синфи муҷаҳҳази компютерӣ, дафтарҳои алоҳидаи вобаста ба омӯзиши касбу ҳунар ва майдончаи варзишии минифутбол мебошад. Дар расми кушоиши ин мактаб ҳокими вилояти Қашқадарё Муротҷон Азимов ширкат варзида, хидматҳои соҳибкор Нурбек Эргашевро дар робита ба ҳамовозиаш ба қарору мурожиатҳои Президент барои пешбурди соҳаи таълим ситоиш намуд ва намунаи беҳтарини масъулияти як шаҳрванд дар назди халқу Ватан номид.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Қашқадарё.**

Ба муносибати 32-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон

# ДАШТРО ОБОДТАР МЕКУНАНД

***Меҳнаткашони ноҳияи Пахтакор 32-солагии иди истиқлолро бо рӯҳияи баланд ва кайфияти аъло истиқбол мегиранд. Аҳли ноҳия воқеаҳои муҳимро дар ҳаёти сиёсии мамлакат, ба мисли қабул карда шудани Сарқонун бо таҳрири нав, ислоҳоте, ки баҳри гузоштани пойдевори Ӯзбекистони Нав, Эҳёи саввум равона карда шудааст, аз ҳар ҷониб дастгирӣ менамоянд ва барои амалӣ гардидани он саъю ҳаракат мекунанд. Дар ин ҳудуд ба туфайли рушд додани ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт, ба соҳибкорӣ роҳи васеъ кушодан, таъмин намудани иҷрои барномаи давлатии ободонӣ некуаҳволии мардум ҳам торафт беҳ мешавад.***

***Имрӯзҳо орзуву умеди наслҳои нави ин авлоде, ки тақдири хешро ба азхудкунии дашт сахт пайвастаасту аксаран пешаи деҳқониро баргузидааст, ҷомаи амал мепӯшанд ва рӯзгорашон ба фаровонӣ рӯ мениҳад. Онҳо ноҳияи худро ба як макони инноватсионӣ табдил доданиянд ва иди аз ҳама бузург, аз ҳама азизро бо комёбиҳои беназири меҳнатӣ истиқбол мегиранд. Мо дар зер аз боби ҳаёти онҳо як силсила мақолаҳо омода кардаем, ки ба ҳукми хонандагони рӯзнома ҳавола месозем.***



### Бозори нав, ҳамкорони нав

Ба маҳсулоти Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «World trading company» натанҳо дар бозори дохилӣ, балки берун аз кишвар ҳам эҳтиёҷ зиёд аст. Лоиҳаи ин корхонаи муштарак 5 миллиону 145 ҳазор доллари Амрико қимат дорад. Он асосан барои автомобил равған мебарорад. Аз ҷумла, соле сад ҳазор тонна моеъоти сардкунӣ, дусад ҳазор дона филтрҳои ҳаводиҳӣ, дусад ҳазор ҷуфт ноқилҳои баландволт, шаш ҳазор тонна барои муҳаррикҳои дизелии тамғаи «АУС-32» равғани махсус истеҳсол менамояд.

Соли сипаришуда ҷамъият дар ҳаҷми 2 миллиону 190 ҳазор доллари Амрико маҳсулот содир кард. Дастандаркорони корхона имсол ба нақша гирифтаанд, ки ин нишондиҳандаро ба 2 миллиону 600 ҳазор доллар расонанд. Онҳо ашёи хомро аз Русия, Туркия, Эрон, Чин, Куриёи Ҷанубӣ ва ИМА меоваранд.

– Аз рӯи талаботи бозор бо мақсади барои автомобилҳо истеҳсол намудани равғани муҳаррикӣ ва техникӣ дар ҳудуди корхонаамон сехе таъсис додем, – мегӯяд директори корхонаи муштарак Зайниддин Иброҳимов. – Рӯзҳои наздик боз имкон пайдо мекунем, ки маҳсулоти нав истеҳсол намуда, ҳаҷми содиротро афзун диҳем.

Айни замон маҳсулоте, ки дар ин ҷо тайёр мекунанд, ба Туркия, Литва, Гурҷистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Қирғизистон ва Қазоқистон содир мешавад. Дар ин корхона 116 нафар ҷавонон бо кор банданд.



### Лоиҳаҳои истиқболнок дар «Paxtakor Teks»

Аз ин чаҳор сол муқаддам дар ҳудуди маҳаллаи «Ғалаба»-и шаҳри Пахтакор корхонаи муштараки «Paxtakor teks» таъсис ёфт. Он барои истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ихтисос ёфта, аҳолии маҳалро бо шуғл фаро гирифтааст.

Корхона соле нӯҳ ҳазор тонна нахи пахтаро азнавкоркард мекунаду калоба мебарорад. Дар ин ҷо ҳамеша кор дар ҷӯшу хурӯш аст. 440 нафар ҷавонони ноҳия дар ин ҷамоа фаъолият мекунанд. Дар ҳафт моҳи гузашта корхона бо қимати 11 миллиону 300 ҳазор доллар ба хориҷа маҳсулоти тайёр баровард.

Севара Қаршибоева аз зумраи бонувони ҷавонест, ки ҳунарро ба пуррагӣ аз бар намудааст. Ӯ ду нафар фарзанд дорад. Фарзандонашро ба боғчаи бачагона дода, кор мекунаду ба оилааш нафъ меорад. Ҳоло саркори сех аст, ба ҷавонону ҳамсолонаш асрори касб меомӯзонад.

Дар корхонаи муштарак боз як лоиҳаи нави истиқболнок амалӣ мегардад. Дар доираи ин лоиҳа, ки 18,5 млн. евро қимат дорад, истеҳсоли матоъ, рангубори он ва дастгоҳҳои дӯзандагиро муҷаҳҳаз намудану барпо сохтани бахши нав дар назар аст. Дар сурати ба кор даромадани лоиҳаи нав 400 ҷойи кори доимӣ ба вуҷуд меояд.

### Маҳсулот ба Чин

Дар ноҳия меваву сабзавот зиёд аст. Баробари истеҳсол инчунин қадоқ менамояну ба Чин мефиристанд. Ин корҳо, яъне қадоққунии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар корхонаи муштараки Ӯзбекистону Чин – «Jizzakh Agritrade» ба амал бароварда мешавад. Иқтидори солонаи истеҳсолот 16 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад. Дар ин корхона алҳол 25 нафар бо шуғли доимӣ фаро гирифта шудааст. Имсол бо қимати 4,5 млн. доллар маҳсулот ба Чин содир карданд. Таъсисгари корхона Луо Ҷиган дар аснои суҳбат чунин гуфт: «Чор сол аст, ки дар вилояти Ҷиззах фаъолият пеш мебарам. Як ҳақиқатро бо ҳам диданӣ ҳастам. Мардуми ин ҷо дилкушод, самимӣ ва басо меҳмондӯстанд. Ин омилҳо барои бемалол ва бемамониат фаъолият кардан ёрӣ мерасонанд. Кишваратонро иқлимаш гарм, рӯзҳояш аксаран офтобист, аз ин рӯ меваҳояш ҳам серкаллорияанд.

Аз фурсат истифода бурда, мардуми сарбаланди Ӯзбекистонро бо иди истиқлол табрику таҳният мегӯям. Бигзор муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои тарафайни Ӯзбекистону Чин бардавом бошанд».

### Маҳаллаи ман – сарнавишти ман

Барои инфрасохтори маҳаллаҳоро беҳ намудан корҳои зиёд ба сомон расиданд. Аз ҷумла, пуле, ки маҳаллаи «Роҳи бузурги абрешим»-ро бо маркази ноҳия мепайвандад, аз таъмир баромад. Дар маҳаллаҳои Дилором, Олмазор, Сувонобод, Тошканд ва Ғалаба ҷамъ 6439 метр дарозии роҳҳои кӯчаҳои дохилӣ мумфарш карда шуд.

Ба як қисми кӯчаҳои маҳаллаҳои марказӣ шағал хобониданду роҳҳои дохилиро сангфарш намуданд. Албатта, дар доираи корҳои ободонӣ шабакаҳои газ, хати об нав гардид. Бештари маҳаллаҳо ба худ намои зебо гирифтанд. Корҳои ободонӣ ҳоло ҳам идома доранд.

### Як боғе мешавад, ки…

Тибқи лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» дар ҳудуди ноҳия беш аз 80 ҳазор ниҳолҳои манзаравӣ ва мевадиҳанда шинониданд. Аз ин дар 15 маҳалла қариб 38 ҳазор беҳ кӯчати дарахтони манзаравӣ ва мевадиҳанда, наздик ба 22 ҳазор дона қаламчаи сафедор, дусад ҳазор беҳ кӯчатҳои гул шинониданд. Ҳамаи ин корҳо баҳри ба вуҷуд овардани сарсабзиву хуррамии ҳамин диёр равона карда шудааст.

Дар ҳудуди хоҷагии фермерии «Наврӯз» аз тарафи корхонаи муштараки «Silver-leafe» дар 130 гектар майдони замин 81 ҳазор беҳ ниҳоли павлония парвариш карда мешавад. Аз ҷониби корхонаи унитарии «Ҷиззахйӯлкӯклам» дар нӯҳ гектар замини ҳудуди хоҷагии фермерии «Навбаҳор» плантатсияи ниҳолпарварӣ ташкил дода шудааст. Ҳамчунин мувофиқи шартномаи миёни ҳокимияти ноҳия ва институти «Ӯзӯрмонлойиҳа» дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Пахтакор» 1,9 гектар «Боғи сабз» барпо меёбад.

***

Гуфтан ба маврид аст, ки баҳри эҳтиёҷи рӯзмарраи мардумро нисбат ба маҳсулоти хӯрокворӣ таъмин намудан, дар маркази ноҳия Экобозор фаъолият мекунад. Дар ин ҷо зиёда аз 200 растаи савдо мавҷуд. Рӯзҳои ид барилова маҳсулоти арзон ба фурӯш бароварда мешавад.

**Рамзиддин ҚУРБОНОВ.**
**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# ҲУНАРПЕШАИ ХАЛҚИИ ӮЗБЕКИСТОН ШЕРАЛӢ ҶӮРАЕВ



Маданият ва санъати Ӯзбекистон ба талафи калон дучор шуд.

4 сентябри соли ҷорӣ дар синни 77 намояндаи бузурги санъати миллии таронасарой, мураббии бисёр устодони маданият, Ҳунарпешаи халқии Ӯзбекистон Шералӣ Ҷӯраев вафот кард.

Шералӣ Ҷӯраев 12 апрели соли 1947 дар шаҳри Асакаи вилояти Андиҷон таваллуд ёфтааст. Соли 1971 Донишкадаи давлатии театру рассомии Тошканд (ҳоло Донишкадаи давлатии санъат ва маданияти Ӯзбекистон)-ро хатм намудааст. Фаъолияти меҳнатиро чун ҳунарпешаи дастаи тарона ва рақси «Шодлик» оғоз намуд. Дар тӯли солҳои бисёр ӯ ба халқи худ содиқона хидмат намуд, дар чунин ташкилотҳои эҷодӣ, мисли филармонияи вилоятии Андиҷон, филармонияи давлатии Ӯзбекистон, муассисаи давлатии «Ӯзбекконсерт» кор кард.

Шералӣ Ҷӯраев бо истеъдоди нодир, овоз ва маҳорати иҷрогарии баланди нотакрораш, бо эҷоди садҳо таронаҳои нодир маҳбубияти халқро ба даст оварда буд. Ба ғанӣ гардондани «хазинаи тиллоӣ»-и санъати таронасароии ӯзбекӣ бо навиштани оҳангҳо ба асарҳои назмии классикӣ ва адабиёти муосир саҳми беназир гузошт.

Шералӣ Ҷӯраев бо эҷоди сермаҳсули бисёрсолаи худ дар рушди санъат ва маданияти миллии муосир, афзудани шуҳрати он дар хориҷ аз мамлакат намунаи хидмати фидокорона гардид. Ӯ дар ҳаёти ҷамъиятӣ низ фаъол иштирок намуд. Фаъолияти шуҷоатноки депутатии вай дар парлумони миллӣ ба хотири мустаҳкам намудани пойгоҳи маънавии истиқлолиятамон, тарбияи насли наврас дар роҳи муҳаббат ва садоқат ба Ватан, эҳтироми арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ шоистаи таҳсин аст.

Дар солҳои охир ӯ дар вазифаи раиси Шӯрои шафоатии фонди ҷамъиятии «Ватандошлар» босамар хизмат кард, ба мустаҳкам намудани алоқа бо ҳамватанони хориҷӣ саҳми калон гузошт.

Овозхони беназир бисёр истеъдодҳои ҷавонро тарбия намуда, мактаби эҷодии худро дар санъати миллии таронасароии ӯзбекӣ ба вуҷуд овард.

Хидматҳои Шералӣ Ҷӯраев дар рушди санъат ва маданияти миллӣ аз тарафи давлат муносиб қадр гаштааст. Ӯ сазовори унвонҳои баланди Ҳунарпешаи шоистаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҳунарпешаи мардумии Ӯзбекистон, унвонҳои фахрӣ гардида, бо Мукофоти давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Алишери Навоӣ, орденҳои «Фидокорона хизматлари учун» ва «Эл-юрт ҳурмати» тақдир гаштааст.

Хотираи дурахшон дар бораи устоди нотакрори санъат, инсони хоксор ва поквиҷдон, мураббии ғамхор ва сахтгири ҷавонон Шералӣ Ҷӯраев дар қалбҳоямон абадӣ боқӣ мемонад.

**Ш. МИРЗИЁЕВ, Т. НОРБОЕВА, Н. ИСМОИЛОВ, А. АРИПОВ, Х. СУЛТОНОВ, О. НАЗАРБЕКОВ**

# ИСТИҚЛОЛ БАХТИ БУЗУРГ АСТ

***Дар тарабхонаи ҳашаматноки «Шоҳсарой»-и шаҳри Гулистон дар арафаи 32-солагии истиқлол чорабинии шукргузорӣ баргузор шуд.***

Дар он намояндагони ташкилотҳои давлативу ҷамоатӣ, оилаҳои камтаъмин ва куҳансолон иштирок намуда, оид ба муваффақиятҳои бузурге, ки тӯли солҳои истиқлолият дар ҳаёти кишварамон ба даст оварда шудаанд, гуфта гузаштанд.

Ҳокими вилоят Акмалҷон Маҳмудалиев таъкид намуд, ки бо шарофати истиқлол Ватанамон ба маскани осуда, ободу озод табдил ёфта, торафт тараққӣ мекунад, тарзи зиндагонии аҳолӣ баланд мегардад.

– Истиқлол барои мо неъмати бузурги Офаридгор аст, – гуфт намояндаи вилояти сирдарёии Идораи мусалмонони ҷумҳурӣ Ҳабибуллоҳ Зокиров. – Ҳоло Ватани азизамон ривоҷу равнақ меёбад. Барои адо намудани рукнҳои дини муқаддасамон ҳамаи шароит фароҳам оварда мешавад. Инчунин, навгониҳое, ки се соли охир дар ҳамаи соҳаҳо ба назар мерасад, ҳисси шукргузориро дар қалбамон мустаҳкам менамояд. Ҳамаи мо ба фикри истиқлол, Ватан барои ман чӣ дод не, балки ман ба рушди Ӯзбекистони мустақил, боз ҳам мустаҳкам намудани имкониятҳое, ки истиқлол инъом намудааст, чӣ гуна ҳисса мегузорам, бояд зиндагӣ кунем. Барои чунин ҳаёти осуда ва фаровон ҳар саҳар ва ҳар рӯз шукрона бигӯем.

Тағйир ёфтани олами маънавии одамон, баланд гардидани тарзи зиндагонии аҳолӣ, рушди саноат, дигаргуншавии қиёфаи Сирдарё, ки вилояти аграрӣ ба шумор меравад, бо шарофати истиқлол мебошад. Дигаргуниҳое, ки дар соҳаҳои тиб, таълим, варзиш, маданият, сайёҳӣ ва ғайра ба чашм мерасад, инъоми бузурги истиқлолият ба вилоят мебошад. Муваффақиятҳое, ки дар даври гузаштаю соли ҷорӣ дастрас шуд, низ ба ин мисол шуда метавонанд.

Дар доираи чорабинӣ ба дастархони пурнозу неъмат ош кашида, оятҳо аз Қуръони карим тиловат гардид. Оҳанг ва сурудҳое, ки озодии Ватан, ободӣ ва арзишҳои миллиро тараннум намуданд, ба меҳмонон манзур гардид.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти СИРДАРЁ.*

## ХАБАРҲО

### ТАШАББУСҲОИ «МАВҶИ ШАҲРСОЗӢ»

***Моҳи апрели соли 2021 дар ҳузури Ҷунбиши «Юксалиш» Иттиҳодияи норасмии меъморӣ ва лоиҳасозии маҳаллӣ ташкил карда шуда буд. Акнун дар асоси ташаббуси «Мавҷи шаҳрсозӣ» дар ҳузури Ҷунбиши умумимиллии «Юксалиш» Иттиҳодияи меъморҳои ҷавони Ӯзбекистон созмон ёфт.***

Ассотсиатсияи навбунёд назди худ вазифа гузоштааст шахсони юридикӣ ва экспертҳоро сарҷамъ созад, манфиатҳои касбии онҳоро муттаҳид намояд, салоҳияти кадрҳои саноати шаҳрсозиро ривоҷ бахшад. Айни замон мақсад аз ташкил намудани ассотсиатсияи мазкур – омӯзиши бозори лоиҳаҳои меъморӣ, кумак дар роҳи танзими рӯйихати иштирокдорони ҷараён, таъмини бандии мутахассисони соҳа, ташкили мулоқотҳои профессионалӣ, ивазнамоии таҷриба ва ҳоказо.

Ҳаминро низ хотиррасон карданием, дар даврае, ки гузашт, «Мавҷи шаҳрсозӣ» дар як қатор чорабиниҳо, аз ҷумла, «Шаҳрсоз -2022», дар озмун бахшида ба навсозии майдони «Ал-Хоразмӣ» дар пойтахт, бевосита ба иҷро расондани корҳои тармимӣ иштирок кард, айни замон анҷуманҳо ташкил намуд.

### ВАЗИФАИ АСОСИИ БОНКИ НАВ – ДАСТГИРИИ СОҲИБКОРИИ ОИЛАВӢ

***Бо қабул карда шудани қарори Президент «Дар бораи чораҳои ба амал баровардани вазифаҳое, ки соли 2023 дар мулоқоти кушоди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо соҳибкорон муайян карда шудаанд» дар ҳузури бонки тиҷоратии «Қишлоққурилишбанк» Бонки рушди тиҷоратӣ ташкил карда шуд.***

Дар доираи барномаҳои соҳибкории оилавӣ ҷудо намудани кредити то ҳафтсола яке аз муҳимтарин вазифаҳои бонки навбунёд мебошад.

Мувофиқи қарори Президент дар соҳаҳои саноат барномаи «140-то корхонаи пешқадами саноатӣ» ба амал татбиқ мегардад. Ҷуз ин, барои рақамноксозии барномаи мазкур платформаи электронӣ ба кор андохта мешавад.

### МУҶАССАМАИ УСМОН НОСИР ДАР КЕМЕРОВО

***Дар шаҳри Мариински вилояти Кемеровои Русия маросими кушоиши муҷассамаи шоири номвари ӯзбек Усмон Носир баргузор гардид.***

Дар чорабинӣ намояндагии ҷумҳурии мо низ иштирок кард. Губернатори вилояти Кемерово Сергей Сивилёв, Сафири Фавқулода ва Мухтори Ӯзбекистон дар Русия Ботирҷон Асадов, раиси Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон Сироҷиддин Саййид ва дигар шахсони расмӣ, шоиру нависандагон дар маросим иштирок ва баромад намуданд. Ҳайкалтарош Константин Зенич.

Намояндагии Ӯзбекистон айни замон хокҷои Усмон Носирро, ки дар мазори қурбониёни табъиди дар ҷангалзори Мариинск ҷойгир шудааст, зиёрат намуданд.

Хотиррасон карданием, соли 2022 қарори Президент «Дар бораи васеъ таҷлил намудани ҷашни 110-солагии таваллуди шоир, мутарҷим ва драматург Усмон Носир» ба имзо расида буд. Баҳри татбиқи қарор ноябри соли 2022 дар шаҳри Намангон муҷассамаи шоир қад рост кард. Яке аз кӯчаҳои Тошканд номи Усмон Носирро гирифт.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**



# «САЙРГОҲИ ҶАВОНОН» – ДАР НОҲИЯИ ВОБКАНД

***Дар арафаи 32-солагии истиқлолияти Ӯзбекистон дар маркази ноҳияи Вобканд «Сайргоҳи ҷавонон» ба кор даромад. Он дар беш аз як гектар майдони бекор бунёд гардид.***

Ҳоло ин майдони аз назар дурмонда ба ҷойи хурраму обод табдил ёфт. Барои обёрӣ намудани дарахтони мевадор аз фавворaҳои хурд истифода бурда мешавад. Дар доираи лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» барпо намудани «Боғи сабз», «Боғи сабзи ҷамоат» ба амал омад. Қад-қади кӯчаҳои «Имом Бухорӣ» ва «Аҳмади Дониш» барпо гардидани «Сайргоҳи ҷавонон» волидону фарзандони онҳоро хеле шод гардонд. Барои амалӣ намудани ин лоиҳа аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ 1 миллиарду 900 миллион сӯм, аз ҳисоби ҳомиён 4 миллиарду 700 миллион сӯм маблағ харҷ гардид. Вақтҳои охир ин ҷо хеле серодам гашта, ҷараёни таъминоти барқ, шабакаи обёрикунӣ ба танзим даромад ва 600 беҳ ниҳол шинонда шуд. Дар «Сайргоҳи ҷавонон» павилонҳои савдои яхмосу нӯшокиҳои ташнагишикан, ошхонаи хӯроки миллӣ ва қаҳвахона ба мардум хидмат мерасонад. Арғунчакҳою ҳавзи шиноварӣ, фавворaю аттраксион писанди бачагон мегардад.

Дар маросими баистифодасупории «Сайргоҳи ҷавонон» ҳокими ноҳия Фарҳод Умаров ва роҳбарони дигар секторҳо, собиқадорони меҳнат, ҷавонон, намояндагони ҷамоатҳо ва сокинон иштирок карданд. Роҳбари ноҳия ҳозиронро бо 32-юмин солгарди истиқлолияти мамлакат муборакбод намуд ва таъкид кард, ки ин маскани дилкаш ба ҷойи дӯстдошта ва истироҳати маданию маърифатии беш аз 76 ҳазор нафар ҷавонони вобкандӣ табдил меёбад.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

# ШАРОФАТИ ИСТИҚЛОЛ

***Тантанаҳои идона бахшида ба 32-юмин солгарди истиқлол дар вилояти Қашқадарё аз ҷойҳои дурдасти қаламрав оғоз гардида, дар шаҳри Қаршӣ ҷамъбаст шуд.***

Таҷлили ид дар шаҳри Қаршӣ бо ширкати раҳбарони тамоми секторҳои шаҳру навоҳӣ, сарварони идороту муассисаҳои мухталиф, фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва фидоиёни меҳнат дар шукӯҳи ба худ хосе баргузор шуд ва боиси фараҳмандии мардум гардид.

Муротҷон Азимов — ҳокими вилоят тамоми мардуми қаламравро бо ҷашни истиқлол сидқан табрик намуда, гуфт, ки истиқлол барои Ӯзбекистон роҳи умед ба зиндагии фаровон ва озодро кушод. Тӯли 32 сол аст, ки ҳукумат дар таҳкими сулҳу субот дар кишвар ва як зиндагии намунавӣ часпу талош меварзад.

– Натиҷаҳо хушнудкунанда ҳастанд ва боиси фахр аст, ки дар ин авохир дар саросари кишвар ислоҳоти амиқи иқтисодию иҷтимоӣ роҳандозӣ мешаванд ва аз шарофати он намои Ӯзбекистон куллан дигаргун шуда, ба чашми аҳли ҷаҳон чун мамлакати озоду мардумсолор ва ободу пешрафта ҷилвагар мегардад, – таъкид кард ӯ.

Ҳоким боз аз он корҳои хайре ёдовар гашт, ки бо шарофати истиқлоли Ватан майлони наве пайдо карда, дар солҳои наздик симои вилояти Қашқадарёро назар ба пеш куллан тағйир хоҳанд дод. Вай бо боварии қатъӣ гуфт, ки вилоят ба туфайли ислоҳоти густурда ба як минтақаи аз нигоҳи иқтисодӣ пешрафта мубаддал шуда, зиндагии бошандагони он рӯ ба беҳбудӣ ва фаровонӣ овардааст.

Чорабиниҳои идона дар шаҳри Қаршӣ бо барномаҳои рангини консертии ҳунармандону ҳофизони номии кишвар дар сатҳи баланд баргузор гардиданд, ки боиси фараҳмандӣ ва хушии табъи мардум шуданд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти**
**Қашқадарё.**

*Пажӯҳиш*

# БӮЙИ ҶӮЙИ МӮЛИЁН

Беш аз ҳазор сол аст, ки дар байни алоқамандони шеъри Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ шеъри устод «Ҷӯйи Мӯлиён» шуҳрати беандоза дорад. Дар пайравӣ ба ин шеър бисёр шоирон табъозмоӣ карда бошанд ҳам, дар равонии сухан ва интихоби калимаҳо то ҳол ба дараҷаи Рӯдакӣ нарасидаанд.

Дар маъхазҳо азбаски баъзе калимаҳои ин шеър ба тарзи мухталиф оварда шудаанд, дар хусуси мисраи аввали он аз донишмандон бархе «бӯйи ҷӯй» ва қисме «боди ҷӯй»-ро саҳеҳ шумоҳидаанд. Имрӯзҳо бошад, баъзе нашриёҳои Тоҷикистон («Девони Рӯдакӣ», Душанбе, «Бухоро» – 2015, саҳ.64) бо тавсияи Қодири Рустам барин муҳаққиқон байти аввалро ба тариқи зер чоп мекунанд:

*Боди Ҷӯйи Мӯлиён*
*ояд ҳаме,*
*Бӯйи ёри меҳрубон*
*ояд ҳаме.*

Аз ин байт фаҳмидан душвор нест, ки гӯё Рӯдакӣ «Боди Ҷӯйи Мӯлиён бӯйи ёри меҳрубон меоварад» гуфта бошад. Ҳақ бар ҷониби муҳаққиқ Қодири Рустам фақат дар он аст, ки баъзе маъхазҳо оғози мисраи дуюмро дар шакли «бӯйи ёр» овардаанд ва ибораи «Ҷӯйи Мӯлиён» номи ҷӯй не, балки номи як деҳаи назди Бухоро буд. Вале бар чунин ақидаи ин муҳаққиқ ҳаргиз наметавон ҳамроҳ шуд, ки гӯё «аз ҷониби Саид Нафисӣ ба мулоҳизаи парҳез аз такрори «бӯйи ёр» дар ду мисраъ, дар дувумӣ «ёди ёр» тарҷеҳ ёфтааст. («Девони Рӯдакӣ», нашри зикршуда, саҳ. 211). Ақли солим бовар намекунад, ки бар чунин гуфтори бемантиқ рӯдакишиноси машҳур амал карда бошад. Гап дар сари он аст, ки мавқеи истифодаи калимаи «бод» дар назм ва пайдоиши он дар шеъри Рӯдакӣ аз фаҳми нусхабардорони гузашта ва муҳаққиқони ҳозира дур мондааст. Пас, чаро баъзе маъхазҳо аз шеъри Рӯдакӣ оғози мисраи якумро бо калимаи «бод» овардаанд?

Имрӯзҳо аз як байти Рӯдакӣ бо тақозои мантиқ ва маънои сухан баъзе муҳаққиқон калимаи «равон»-ро ба «завон» (забон) иваз кардаанд, ки дар ин хусус шарҳи Қодири Рустам чунин аст: «Дар маохиз омадани «равон» ба ҷойи «завон», ки танҳо бо як нуқта фарқ мекунанд, амри ғайриимкон нест». (Ҳамон ҷо, саҳ.18).

Ба ин гуфтори муҳаққиқ метавон ҳамроҳ шуд, зеро маълум аст, ки дар асрҳои миёна китобҳо бо ҳуруфи арабӣ аз як нусха ба нусхаи дигар фақат бо воситаи дастхат рӯйбардор карда мешуданд. Барои аз ҳамдигар фарқ кардани ҳуруфи арабӣ бошад, мебоист, ки ба онҳо аз рӯйи миқдор нуқтаҳои мувофиқ гузошта шаванд. Вале чуноне ки матншиносон хеле хуб медонанд, ҳангоми амали нусхабардорӣ нусхабардорон ба гузоштани нуқтаҳо эътибори ҷиддӣ намедоданд ва ҳатто баъзан намегузоштанд. Зеро хонанда дар ҳолати набудани нуқтаҳо низ бо назардошти мазмуни матн ба кадом маъно омадани калимаро худаш муайян карда метавонад. Масалан, ба калимаи «тир» нуқтаҳо гузошта нашаванд, он «табар» ё «пир» ҳам хонда мешавад, ки чунин тарзи хониш дар илми калом «тасҳиф» номида мешавад. Бинобар ин, калимаи «ёд»-ро бо чунин тарзи хондан «бод» пиндоштани нусхабардорон ҷойи шубҳа надорад, зеро ин ду калима низ монанди «равон» ва «завон» аз ҳамдигар фақат бо як нуқта фарқ доранд. Пас, сабаби овардани чунин далелҳо ва мақсад аз баёни онҳо дар чист?

Дар асрҳои миёна баъзе нусхабардорон «муҳаққиқ» низ буданд. Онҳо ҳангоми нусхабардорӣ баъзе байтҳоро мутобиқ ба фаҳмиши худ ислоҳ макарданд. Масалан, онҳо дар баъзе нусхаҳо аз шеъри «Ҷӯйи Мӯлиён»-и Рӯдакӣ «дашти Омӯ»-ро ба ҷойи «реги Омӯ» оварда бошанд, дар як ғазали машҳури Ҳофизи Шерозӣ «киштинишастагон»-ро ба «киштишикастагон» табдил додаанд. Дар баробари ин нусхабардорони «муҳаққиқ» чунин одате ҳам доштанд, ки мутобиқи фаҳмиши худ ҷойи калимаҳоро низ иваз мекарданд. Масалан, дар баъзе нусхаҳо аз мисраи «Рухам монад бад-он аввал, дилам монад бад-он сонӣ»-и Рӯдакӣ ҷойи калимаҳои «рух» ва «дил» бо ҳамдигар иваз карда шудаанд. («Осорӣ Рӯдакӣ», Сталинобод - 1958, саҳ.76). Бинобар ин, шубҳае нест, ки нусхабардорони «муҳаққиқ», чуноне ки дар боло қайд карда будем, аз шеъри «Ҷӯйи Мӯлиён»-и Рӯдакӣ калимаи «ёд»-ро «бод» пиндошта, дар мисраи якум ва «бӯй»-ро дар мисраи дуюм ҷойгир кардаанд. Зеро «боди ёри меҳрубон» гуфтан маънои нохуш (боди шикам) дорад. Дар асл бошад, омадани калимаи «бод» дар мисраи якум низ ғалат аст. Чаро?

Бод бо суръати гуногун ҳаракат кардани ҳаво дар гирди Замин буда, мисли «бӯй» (бӯйи гул, бӯйи май, бӯйи даҳон ва ғайра) ба худ макони мустақил надорад, чуноне ки «Дирӯз ба шаҳри Самарқанд боди Хоразм вазид» гуфта намешавад. Бинобар ин, нисбати бод фақат аз рӯйи сифат, замон ва аз кадом сӯй омадани он маълумот дода мешавад. Масалан, шоир Манучеҳрӣ гуфтааст:

*Хезеду хаз оред, ки айёми*
*хазон аст,*
*Боди хунук аз ҷониби*
*Хоразм вазон аст.*

Дар адабиёти форс-тоҷик калимаи «бод» мақоми ба худ хос дорад. Масалан, баъзе шоирон барои ифодаи «бӯй» аз калимаи «насим» (боди сабук) низ истифода бурдаанд, чуноне ки дар ташбеҳи «қомати ёр» ба ҷойи «дарахт» (бод) калимаи «сарв» (насим) оварда мешавад. Зеро бӯй бо ҳаракати сусти ҳаво ба машом мерасад. Бо чунин назардошт Рӯдакӣ ҳам дар як ғазали худ (саҳ.43) гуфтааст:

*Ҳар бод, ки аз сӯйи Бухоро*
*ба манояд,*
*Бо бӯйи гулу мушку насими*
*суман ояд.*

Азбаски калимаи «бӯй» дар худи мисраи дувум омадааст, барои такрор нашудани он нисбат ба «суман», ки номи як навъ гули хушбӯй аст, калимаи «насим»-ро истифода бурдани Рӯдакӣ саҳве надорад. Вале аз он ки «бод» мисли «бӯй» ба худ макони мустақил надорад, ҳеч гоҳ мисраи якумро ба тарзи «Ҳар боди Бухоро, ки ҳаме сӯйи ман ояд» оварда намешавад. Модоме ки Рӯдакӣ «боди Бухоро» нагуфтааст ва гуфта ҳам наметавонист, «Ҷӯйи Мӯлиён» хоҳ номи ҷӯй бошад, хоҳ номи деҳа онро ба тарзи «боди Ҷӯйи Мӯлиён» маънидод кардан берун аз доираи ақли солим аст.

Имрӯзҳо аз шеъри «Ҷӯйи Мӯлиён»-и Рӯдакӣ калимаи «ёд»-ро тамоман хориҷ кардани муҳаққиқон кӯшиши беҳуда аст, зеро он мавқеи мустаҳкам дорад, ки ин ҷиҳатро далелҳои зерин низ тақвият медиҳанд.

Аз маъхазҳо дар бораи таърихи пайдоиши ин шеър ба мо ривояте расидааст, ки тибқи он дар замони Рӯдакӣ амир Насри Сомонӣ, ба ҷойи дар Бухоро истода давлатро идора кардан, ҳамроҳи мулозимони дарбор аксар вақти худро дар сафарҳои тӯлонӣ мегузаронид. Дар яке аз ин сафарҳо мулозимони дарбор аз Рӯдакӣ чунин шеър эҷод карданро хоҳиш намуданд, ки онро амир Насри Сомонӣ шунида, моили баргаштан ба шаҳри Бухоро гардид.

Ба ин ривоят мутобиқ будани мазмуни ғоявии шеъри «Ҷӯйи Мӯлиён» шубҳае надорад. Бинобар ин, аз эҳтимол дур нест, ки Рӯдакӣ дар қатори «ёди ёри меҳрубон» гуфтан бо санъати таҷнис низ «бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён ва ё диёри меҳрубон (яъне Бухоро) меояд» гуфтанӣ шудааст. Дар баробари ин ба ҷойи калимаи «ёд» омадани калимаи «бод» ва дар мисраи дувум ҷой гирифтани калимаи «бӯй» аз як тараф ба оҳанги махсус доштани шеър монеъ шавад, аз тарафи дигар тибқи далелҳои зикрёфта ба садои қалби Рӯдакӣ асло мувофиқ намеояд. Бинобар ин мебояд, ки байти машҳури Устод Рӯдакӣ танҳо бо чунин тарз оварда шавад:

*Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме,*
*Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.*

**Зафар РАҲМАТ.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# ИДИ АҲЛИ МАОРИФ

***Фазои ноҳияи Сариосиёро қабои идона фаро гирифта буд. Дар чеҳраи ҳар пиру барное, ки ба сайргоҳ меомаданд, хушнудӣ ва қаноатмандиро пай мебурдед. Ба муносибати 32-солагии истиқлоли кишварамон аз тамоми гӯшаю канори ватанамон ва берун аз он меҳмонҳо омада буданд. Дар як тараф намоиши ҳунарҳои миллӣ, дар тарафи дигар бошад, овозхонҳо ва варзишгарон ҳунарнамоӣ мекарданд. Меҳмононро сарони ноҳия бо гулу гулдаста ва нону намак пешвоз мегирифтанд.***

Чорабинӣ бо сухани табрикотии ҳокими ноҳия Абдуқодир Донаев ҳусни оғоз гирифт. Дар чорабинӣ роҳбарони муассисаҳои таълими мактабӣ ва томактабӣ таҳти роҳбарии мудири шуъба Тоҷиддин Давронов фаъол иштирок карданд. Хурсандии роҳбарони мактабҳоро ҳадду канор набуд, чун аз тарафи ҳокими вилоят ба тамоми мактабҳои ноҳия ҳашт номгӯ асбобҳои мусиқӣ ва 40-донагӣ тӯб барои бозиҳои варзишӣ тӯҳфа карда шуд, ки мактабҳо то ҳол шоҳиди ин иқдоми нек нагардида буданд. Каме пештар мактабҳои ноҳияро барои аз таъмир баровардан бо масолеҳи сохтмон таъмин намуда буданд. Роҳбарони мактабҳо барои эътибор ба ҳокими вилоят Улуғбек Қосимов миннатдорӣ намуданд. Дарҳақиқат, баъди вазидани насими истиқлол барои омӯзгорон ва мактабҳои миёна як қатор имтиёзҳо дода шуд, ки ин ҳама ба туфайли сиёсати пешгирифтаи Президент буд. Омӯзгор дар баробари оғози соли хониш дар саҳро барои ғунучини пахта ҷалб карда мешуд. Омӯзгорро барои корҳои баҳудаву беҳуда сафарбар менамуданд, ки ин ба сифати таълим зарари манфӣ мерасонд. Дар урфият мегӯянд, ки: «Поёни шаби сияҳ сафед аст». Ҳақ бар ҷониби ин мақоли халқӣ аст, ки имрӯзҳо сифати таълим дар ноҳияи Сариосиё хеле назаррас рушд кардааст. Мо ин иқдоми хирадмандонаи ҳокими вилоятро дастгирӣ намуда, ба ивази ин бо нерӯи тоза соли хониши навро пешвоз гирифта, ба сифати таълим саҳми арзандаи худро мегузорем. Ман низ аз номи тамоми устодони ноҳия иди истиқлолро ба мардуми шарифи диёрам муборакбод гуфта, ба ҳама тансиҳатӣ, осмони соф ва сулҳу салоҳро таманно дорам! Бигузор, кавкаби бахт доимо дар осмони ҳар як фарди меҳандӯсту хештаншиноси кишвари маҳбуб дурахшон бошад!

### ИДИ ЗАФАР МУБОРАК!

*Эй кишвари азизам, иди зафар муборак,*
*Аз шоми тирарӯе рӯ бар саҳар муборак.*
*Умре будӣ шикаста, дар гӯшае нишаста,*
*Аз бандагӣ ба ҳурӣ некӯ сафар муборак.*
*Озодӣ нур бахшад бар чашму бар дили мо,*
*Ҳар дидаро бигӯям: « Нури назар муборак»*
*Рӯзи саиди моро халқи ҷаҳон пазируфт,*
*Ҳар дам дуои неки аҳли башар муборак.*
*Чун сорбони доно сарвар муяссари мост,*
*Гултоҷи хусравонӣ бар фарқи сар муборак.*
*Фарзандҳои моро ояндае дурахшон,*
*Дар боғҳои Меҳан гулҳои тар муборак.*
*Васфи Ватан ба дилҳо марҳам шавад,*
*Саодат,*
*Дар ин ғазал, ки суфтӣ дурру гуҳар,*
*муборак!*

**Саодат САНГИНОВА,**
**роҳбари мактаби таълими ҳамагонии рақами 82-юми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.**



*Маркази махсуси илмию амалии дилшиносии ҷумҳурӣ ба бахши намангонии худ таҷҳизоти замонавии тиббии «AME International»-и Австрияро супурд.*

*Дар чорабинӣ ҳамкорони хориҷӣ, фаъолони вилоят, вакилони ҷамоатӣ, роҳбарони муассисаҳои ҳифзи тандурустӣ, собиқадорони меҳнати соҳаи тиббиёт ширкат варзиданд. Соли равон дар беморхона аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ дар ҳаҷми 5 миллиарду 200 миллионсӯмина корҳои сохтмонӣ иҷро шуданд. Ба марказ дастгоҳҳои замонавии тиббии ширкати «AME International»-и Австрия ба арзиши 8,89 миллион евро оварда ва устувор карда шуданд. 65 навъи 365 адад таҷҳизоти замонавӣ барои аз ҷиҳати сифат беҳтар анҷом додани амалиёти таъҷилии ҷарроҳии дил истифода мешаванд.*

***Дар сурат:** дар бахши намангонии Маркази махсуси илмию амалии дилшиносии ҷумҳурӣ.*

***Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).***

*Меҳмонони мо*

# «...ПОСДОРОНИ ФАРҲАНГ...» ДАР САМАРҚАНД

***Асосгузор ва муҳаррири барномаҳои «Конуни посдорони фарҳанги тоҷик» дар Амрико оғои Сабури Роҳил тӯли як моҳ дар кишвари мо буд. «Конуни посдорон...» аз ҷумла ба шаҳри Самарқанд омад. Хабарнигори мо бо ин журналисти номӣ суҳбат орост.***

– Маълум, ки Самарқанду Бухоро марказҳои тамаддуни Шарқ шинохта шудаанд, – мегӯяд Сабури Роҳил.

Бо такя ба қавли «шунидан кай бувад монанди дидан» мо ба Самарқанди куҳан, вале ҳамеша ҷавону қашанг омадем.

Боздидро аз ёдгориҳои таърихӣ, яъне майдони Регистон, маҷмӯаҳои Шоҳи Зинда, Бибихонум, Гӯримир, Дониёр пайғамбар, Мирзо Улуғбек ва ғайра оғоз намуда, бозори машҳури Сиёбро тамошо кардам. Аз осорхонаҳои устод Садриддин Айнӣ ва ҳофизи машҳур Хоҷа Абдулазиз Абдурасулов таассуроти хуб бардоштам. Суҳбат бо адиб ва бостоншинос Адаш Истад ва дигарон хотирнишин буд.

Дар кӯчаву растаҳо ва майдони Регистон шоҳиди он шудам, ки Самарқанд барҳақ зиёратгоҳи сайёҳони хориҷӣ ва дохилист. Мағозаҳои куҳна ва хушсохти замонавӣ хеле бисёранд.

**– Боз дар кадом мамлакатҳо сафари эҷодӣ доштед?**

– Қаблан дар Тоҷикистон будам. Аз сафарҳоям дар Покистон, Эрон, Ҳиндустон низ гузоришҳо омода кардаам. Умуман, ман ба кадом гӯшаву канори ҷаҳон, ки тоҷикон умр ба сар мебаранд, рафтаам ва Худо хоҳад, хоҳам рафт.

**– Нақшаҳои ояндаатон?**

– Ба Бухорои Шариф рафта, дар бораи гузару ноҳияҳои он барнома омода карданиам.

**– Ба мухлисони рӯзномаи мо дар бораи худ маълумот медодед?**

– Камина дар Ҳирот таваллуд шудаам. Маълумоти олӣ дорам. Чанд сол чун муаллими забони тоҷикӣ-форсӣ ба насли наврас сабақ додам. Муҳаббат ба касби хабарнигорӣ маро ба идораи расонаи ахбори «Бохтар»-и Кобул овард. Баъди табаддулотҳои воқеъ дар Афғонистон дар Амрико зиндагӣ мекунам. Падари ҳафт фарзанд ҳастам.

**– Таманнои шумо ба мардуми Ўзбекистон?**

– Бо сиёсати хирадмандонаи сарвари давлат муҳтарам Шавкат Мирзиёев кишвари шумо дар олам эҳтироми хосса пайдо мекунад. Аз фурсат истифода бурда, ба мардуми сарбаланди Ўзбекистон комёбиҳои нав ба нав орзумандам, ҳамчунин эшонро бо Ҷашни истиқлол табрику таҳният менамоям.

Мусоҳиб
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

***Ба муносибати 32-юмин солгарди истиқлоли ватани маҳбуб дар гӯшаву канори кишвар таҳти шиори «Ба хотири ҳаёти нав, ба хотири Ўзбекистони Нав» тадбирҳои маънавӣ-маърифӣ, вохӯриҳои эҷодӣ, фестивал ва озмуну мусобиқаҳо гузаронида мешаванд.***

# ҶАШНВОРАИ МАЪНАВИЯТ БАРГУЗОР ГАРДИД

Бахусус, фестивали маънавият, ки дар вилояти Самарқанд идома дорад, ба ҳамагон кайфияти идона мебахшад. Дар маҳаллаҳо, ташкилотҳои ҷамоатӣ бо иштироки тарғиботчиёни иборат аз як гурӯҳ олимони шинохта, намояндагони адабиёт ва санъат мулоқотҳо, чорабиниҳо маънавӣ-маърифӣ гузаронида мешаванд.

Дар вохӯрӣ бо эҷодкорони маҳбубу маъруф, ки дар мактаби касбу ҳунари рақами дувуми ноҳияи Нарпай баргузор гардид, намояндагони ҷамъиятӣ, ҷавонони ноҳия иштирок карданд. Аъзои гурӯҳи тарғиботӣ – узви Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон Сироҷиддин Рауфов, Артисти шоистаи Ўзбекистон Меҳмоналӣ Салимов, доктори фанҳои фалсафа Мунира Қаххорова дар бораи мазмуну моҳияти ислоҳоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, маънавӣ-маърифӣ, ки тӯли солҳои охир амалӣ мегарданд, ҳарф заданд.

Чунин тадбирҳои маърифатӣ дар шаҳру ноҳияҳои дигари вилоят низ баргузор мегарданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

*Ҳақназар ҚУРБОНМАМАДОВ, профессор*

# САДОҲО АЗ ЖАРФОИ ТАЪРИХ

***(Пурсиш ва посух аз гузаштагони бузург)***

*(Эссе)*

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои № 68, 69).**

### ПУРСИШ ВА ПОСУХ АЗ ҲАКИМ АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ (940 - 1020)

Ҳакими бузург! Барои мо насли садаи XXI қудрати эҷодкории Шумо то кунун асрорангез ва идрокнашаванда аст. Бузургии Шуморо ягон мутафаккир, шоир, файласуф беҳтару комилтар ифода карда натавонистааст. Шумо воқеан аз сухан барои худ пайкарае сохтед, ки шояд аз аҳромҳои Мисри Қадим ҳам поярдатар бошад, яъне аз обу оташу «боду борон наёбад газанд». Мо дар бораи бузургӣ, таъсири эҷодиёти Шумо ба фарҳанги арабу турк, русу гурҷӣ, барои рушди баъдинаи фарҳанги эронӣ, форсизабонон чизе намегӯем, зеро ин ба ҳама маълум аст. Медонем, ки «Шоҳнома»-и безавол китоби рӯйимизии хонаводаи мутафаккири машҳури асри XIX Карл Маркс буд. Адибони барҷастаи немис Гёте ва Гегел Шуморо «паёмбари сухан» ном бурдаанд, агарчи «Шоҳнома»-ро дар тарҷума хондаанд. Маълум аст, ки ақидаву назарияҳои илмӣ, подшоҳон, диктаторон пайи ҳам мераванд, вале тавре ки шоир ва мутафаккири форсу тоҷик Низоми Арӯзии Самарқандӣ ишора мекунад: номи Шумо, «Шоҳнома»-и безавол абадист.

Аммо пурсиши мо аз Шумо ба дигар мақсад аст. Шумо дар «Шоҳнома» гуфтед, ки ҷангҳо, юришҳо, зиддияти байни давлатҳо, қавмҳо, мардумон танҳо дар ҳолате аз байн мераванд, ки курраи Замин аз ҳаракат бозмонад, ё нури Хуршед қатъ гардад. Дар дигар ҳолат онҳо бо шаклу сабабҳои гуногун, дар ҳар як давру замон зуҳур мекунанд ва боиси бадбахтии одаму олам мегарданд. Шумо фармудед:

– Азизон! Ҷанг як намуди ифодаи манофеъи моддӣ ва маънавии қавму гурӯҳҳо ва давлатҳо мебошад. Барои бартараф ва ё пешгирӣ кардани он ақлу фаросат, хираду ҳикмат офарида шудааст. Тимсоли ҷангҳо Аҳриман аст. Дар ҷойе, ки ҷанг ҳаст, он ҷо ақлу хирад нест ё коста шудааст.

Ҷангҳо хунину сард, динию мазҳабӣ, қавмию қабилавӣ, сиёсию идеологӣ, хонагию оилавӣ ва ғайра мешаванд. Аз қадимулайём ҷангҳо миёни қавму миллатҳою давлатҳо «панҷараҳои оҳанин», бегонашавии қавмӣ, бадбинӣ, хусумат, сангарҳои фарҳангию илмӣ ва дигар амалиёти ба табиати инсон бегонаро эҷод мекунанд. Дар ҳар як давру замон ҷангҳо аломати ба худ хосе доранд. Ман дар «Шоҳнома» даҳ сабаби асосии ҷангҳоро номбар кардаам. Вале яке аз сабабҳои асосии онҳо ҷаҳолати ҳокимон ва гурӯҳи одамон аст. Тааҷҷубовар он аст, ки ҳокимон, одамон ҳаргиз ба ҷаҳолати худ иқрор намешаванд, ҷангро амали адолатхоҳӣ, ҳақиқатҷӯйӣ, росткорӣ ва адлу инсофхоҳӣ таъбир мекунанд. Барои аз дили ҷангҷӯён пок кардани ҷаҳолат ҳикмат зарур аст, на қудрат. Одам, чун зодаи табиат, зебоию рифоати зиндагиро дер дарк мекунад ва гиромӣ медонад.

Инсон дар аввали таърихи худ барои пешгирии ҷангҳо табу (манҳиёт)-ро эҷод кард. Баъд арзишҳои ахлоқӣ (баробарӣ, бародарӣ ва ғайра), сипас адёну имон, силсилаи китобҳои осмонӣ (Таврот, Инҷил, Забур, Қуръон), баъд созишномаҳои иҷтимоӣ, қонунҳои давлатӣ (Қонуни Асосӣ), сипас қавонини байналмилалӣ (СММ) рӯйи кор омаданд. Аммо талаботи ҳамаи ин ҳуҷҷатҳоро сарфи назар мекунанд. Дар замони шумо даҳшатноктарин ва бераҳмтарини ҷангҳо ба давлату ҳукуматдориҳо мансубанд. Бегонашавии байни давлату шаҳрвандони он сабаби асосии ҷангҳо мешавад. Давлатҳо (агар кору вазифаҳои дохилӣ ва берунии онро сарфи назар кунем) гурӯҳи бюрократҳост, ки манфиати қувваҳои интеллектуалӣ, фикрӣ, эҷодӣ, хидматрасонӣ ба аҳолиро (ки дар сиёсатшиносӣ синфҳо ҳам мегӯянд) поймол мекунад. Қонуни Асосиро тавре ки хоҳанд, ба манфиати як шахс, ё як гурӯҳ, як ҳизб, як қавми ҷинояткор тағйир медиҳанд. Хулоса, давлат мардумӣ намегардад, ба давлати теократӣ ё плутократӣ (қаллобон), клептократӣ (дуздон), кланократӣ (кланҳо) табдил меёбад. Чунин давлатҳо таҳти шиорҳои «Ҳифзи давлатдорӣ», «Сулҳу амонӣ» худро сафед мекунанд.

Дар ин бобат ман дар «Шоҳнома» бино ба бераҳмиҳои бегонагон дар хоки Эрону Турон андешаҳои худро баён кардаам.

Умуман, агар ба тарзи дигар гӯем, ҷаҳолат дар асри XXI зери шиори «Сулҳу амонӣ» зуҳур мекунад.

Дар «Шоҳнома» вобаста ба подшоҳии Анушервони одил фикрҳои зиёде ифода шудаанд. Воқеан, рафтору кирдор, давлатдорию давлатронии Анушервон хости мардумист, натиҷаи ҳикмати башарист, на ҳақиқати воқеӣ.

Дар даврони шумо агар ниҳодҳои қавонини умумибашарӣ ба эътибор гирифта нашаванд, ё салби хотир шаванд, ҷомеа ба ҷомеаи дуздону фасодкорон, бесалоҳияту бемасъулиятон, муфтхӯрон табдил меёбад. Ҳанӯз юнониёни қадим фармудаанд, ки чунин давлатро давлат гуфтан ҷоиз нест, зеро дар он «Ҳомос», яъне қонуни башарӣ зери по шуда ё шакл нагирифтааст.

Дар чунин ҳолат мебояд дирафши коваёнӣ боло бардошт, то аз зулмоти ҷанг раҳоӣ ёбед. Зеро танҳо дар шароити озодӣ инсон зарурати худсозӣ, ватансозӣ, ҷомеасозиро дарк мекунад, барои мустаҳкам кардани решаҳои фарҳанги миллӣ саъй менамояд.

**(Давом дорад).**

ШУКРОНА

# ОСУДАГӢ – НЕЪМАТИ БЕБАҲО

***Дар як қатор гӯшаю канорҳои дунё ҳар соату ҳар дақиқа рӯй додани воқеа ва ҳодисаҳои нохуш ба ҳама аён. Бамиёноваранда ва азияткашандаи воқеаҳо, афсӯски худи инсон аст. Ибораҳои озодӣ, сулҳ, осудагиро дар баъзе мамлакатҳо орзу мекунанду халос. Халқи мо озодихоҳ ва сулҳпарвар аст, аз ин боис пирони батадбири мо дуо мекунанд, ки «осудагӣ ва хотирҷамъӣ шавад». «Ҷанҷоли якрӯза баракаи чилрӯзаро мебарад» гуфтаанд бузургони мо.***

Доир ба мавзӯи мавриди назар бо чанде аз бонувони зиёӣ суҳбат оростем.

**Муаллимаи мактаби миёнаи рақами 162-юми пойтахт Бувисоро Қӯчқорова:**

– Тинҷию осудагиро қадр менамоям. Кас ноороми дигаронро надида, ба қадри сулҳу осоиш намерасад. Ба диёри озоду обод, ба истиқлол шукрона мегӯям. Зеро дар Ватани азизам – Ўзбекистон қабри бобою момо, падару модар ва шавҳарам ҷой дораду рӯҳи онҳо ором аст. Дар оилаам бахт ҳукмрон, камоли фарзандону набераҳоямро дида, худро инсони хушбахт меҳисобам. Сарзамини биҳиштосоямон рӯз то рӯз ободу зебо мегардад, ки ин ҳама неъмати истиқлол аст. Илоҳо, ба хотири ҷамъу осудагии мо чашм нарасад. Тинҷиро қадр менамоям, чунки хандаи кӯдакон, аллаи модарон, дуои солхӯрдагон ва оромии шабу рӯз аз он аст.

– Ба гӯши навзодони мо, ки зери осмони мусаффо, дар оғӯши падару модар ба воя мерасанд, азон гуфтан урфест қадима. Аммо афсӯс, ки ҳазорҳо тифлакони ҷангзада аз ин бахт бебаҳраанд. Ба гӯши онҳо ба ҷойи азон бори аввал садои даҳшатноки таркиш, тиру туфанг мерасад, ки қалби ҳар як модар ба изтироб меафтад,– гуфт мусоҳиби мо муаллимаи мактаби номбурда Фотима Ҳасанбекова.

– Имрӯзҳо дар кӯчаю хиёбонҳои шаҳрамон шумораи хориҷиён торафт зиёд шуда истодааст, онҳо ба ҳаёти мо, истиқлоли мо бо чашми ҳавас менигаранд, таътилҳои худро дар диёри мо мегузаронанд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки сарҳадҳоямон доимо дар зери назорат аст.

**Шифокор-гинекологи зоишгоҳи рақами 11-уми пойтахт Нафиса Содиқова мегӯяд:**

– Дар зоишгоҳамон дар шароити хуб ба дунё омадани даҳҳо нафар тифлонро дида, ба ҳаёти осудаамон шукрона мегӯям. Дар оғӯши гарми модар осуда хоб кардан, аз меҳри волидон баҳраманд гардидани онҳо худ бахти бузург. Ҳангоме ки тавассути ҷаҳоннамо тифлакони дар гӯшаю канори дунё ятиммонда, модарони аз кӯдаконашон ҷудошуда, давлатҳои харобаю беоб, зери ҳодисаҳои даҳшатбори табиат (заминҷунбӣ, обхезӣ, тӯфон) мондаро мебинам ва мешунавам, бори дигар ба Худо илтиҷо мекунам, ки ба Ватани ободу зебоямон чашми бад нарасад.

Занони синну солашон гуногун ба таваллудхонаамон меоянд. Рӯзе ҷавонзанеро қабул кардем. Ӯ оҳу воҳ карда, такрор ба такрор мегуфт: «Дигар тоқати дард надорам, аз ин ҳаёт рафтан мехоҳам» ва номи ҷавонеро, ки ӯро фиреб дода, дар чунин ҳолати ногувор партофта рафта буд, ба забон оварда, ба ӯ лаънат мехонд. Ниҳоят чашми ҷавонзан равшан гардид, писар таваллуд кард.

Тифлашро ба оғӯш кашида, бо табассум «Акнун бояд сиҳат шавам, писарчаамро тарбия намуда, ба воя расонам» мегуфт. Меҳри фарзанд модари ҷавонро аз нав ба ҳаёт, ба зиндагӣ дилгарм кард.

Оре, осудагӣ неъмати бебаҳо. Ба фикрам, неъматҳои дигар аз он як зина поинтар меистанд. Чунки дар ҳар ҷое, ки осудагӣ ва сулҳу салоҳ ҳукмрон аст, инсон ба орзуву ниятҳояш мерасад. Бигзор, дар қалби ҳар яки мо завқу шавқ ба ҳаёт, боварӣ ба фардо ҳукмрон бошад.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**



*Бунгоҳи тиббии оилавии «Кенегес»-и тобеи Иттиҳодияи тиббии ноҳияи Тахиатоши Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ба беш аз 7 ҳазор аҳолӣ хидмати баландсифати тиббӣ мерасонад.*

*Дар ин сиҳатгоҳ қариб сӣ ходими соҳибтаҷриба дар роҳи таҳким бахшидани тандурустии аҳолӣ часпу талош доранд. Ходимони бунгоҳи бо таҷҳизоти замонавӣ ҷиҳозонидашуда бо ҷалби мутахассисони марказҳои тиббӣ ба аҳолӣ ташхиси дақиқ гузошта, корҳои профилактикиро саривақт ба анҷом мерасонанд.*

***Дар акс:*** *дар бунгоҳи тиббии оилавии мазкур.*

***Аксбардор: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***

# МУАССИСАҲОИ БОЙГОНӢ – МАНБАИ МУҲИМИ КУМАК БА МАРДУМ

***Имрӯз ислоҳоти ояндасози кишвар кори бойгониҳои давлатиро низ фаро гирифтааст. Дар фонди бойгониҳои давлатӣ ҳуҷҷатҳои зиёд оиди таърихи бойи кишвар, экспонатҳои нодир доири қадамҳои бошукӯҳи истиқлол нигоҳ дошта мешаванд. Омӯзиш, тадқиқ ва тарғибу ташвиқи он ҳуҷҷатҳо дар арсаи ҷаҳон ҳисси ифтихори мардуми моро ташаккул дода, ба камолоти эҳсоси миллӣ ва худшиносии мардум кумак мерасонад.***

Дар нимсолаи аввали соли равон дар кори идораи бойгонии вилояти Навоӣ воқеаҳои муҳим рух додаанд. Сарвари идораи бойгонии вилоят Сайёра Бекова доири фаъолияти бойгониҳои вилоят мегӯяд:

– Қабули фармони Президент «Дар бораи тадбирҳои такомул додани корбурд ва кори бойгониҳои ҷумҳурӣ» ва қарор «Дар бораи такоммул додани фаъолияти агентии «Ўзархив» воқеаи таърихӣ дар фаъолияти соҳа буд. Дар заминаи ин фармону қарор фаъолияти бойгониҳо ба танзим дароварда шуд. Дар соҳаи ҷамъоварӣ, ба рӯйхат гирифтан, нигоҳ доштан ва истифодаи ҳуҷҷатҳо ба сохтори муайян асос гузошта шуд.

Дар соли 2022 ҳаҷми хизмати пулноки бойгониҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ 1 миллиарду 267 миллион сӯмро ташкил дод.

Аз ҷониби бойгониҳои вилоят хизмати пулнок асосан барои тайёр намудани ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-услубӣ, коркарди илмӣ-техникии ҳуҷҷатҳои идораҳои гуногун иҷро карда мешавад. Дар муассисаҳои бойгонии вилоят соли 2022 аз 8543 бастаи ҳуҷҷатҳои коғазӣ 402 ҳазору 632 кадрро рақамӣ кунониданд. Аз он 16 ҳазору 517 то дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонӣ иҷро гардида, 824 ҳуҷҷат барои санҷиш ба муассисаҳои тааллуқдор фиристода шуд. Ба пурсишҳо 15 ҳазору 823 ҷавоби дақиқ ва ба 694 ҳуҷҷат ҷавоби рад омад. Ҳар як пурсиш (санҷиш) дар вақти муайян иҷро гардидааст. Мавзӯи пурсишҳоро асосан собиқаи корӣ, музди меҳнат, эътирофи давраи таҳсилро ташкил медиҳад.

Дар ҳамин сол бинои муассисаи бойгонии вилоятӣ пурра таъмир ва ба истифода дода шуд. Ба таъмири бино 2 миллиарду 800 миллион сӯм сарф гардид. Ҳамчунин дар соли 2022 дар шаҳри Зарафшон аз ҷониби ҶММ «ZARAFZHON GRANDSERVIS» бо маблағи 2 миллиарду 400 миллион сӯм бинои нави муассисаи бойгонӣ бунёд гардида, ба истифода дода шуд.

Дар нимаи аввали соли 2023 муассисаҳои бойгонии вилоят аз 4514 дӯхтаи ҳуҷҷатҳои коғазӣ 323 ҳазору 405 кадрро рақамӣ кунонидаанд. Дар ҳамин давра аз ҷониби муассисаҳои вилоят ба маблағи 511,8 миллион сӯм корҳои пулнок иҷро гардид. Аз ҷониби идораи муассисаи бойгонии вилоятӣ доири корҳои бойгонӣ дар корхона, муассиса ва ташкилотҳо 15 назорати давлатӣ гузаронида шуд.

Муассисаҳои бойгонии вилоят ҳамеша дар хизмати мардум ва ба ҳалли мушкилоти онҳо омодаи кумак мебошад.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

***Дар мактаби таълимоти умумии рақами 69-уми ноҳияи Ўзбекистон таҷрибаи Ҷопон ҷорӣ шудааст. Ин таҷриба то чӣ андоза самараи хуб ба бор овардааст, зимни як чорабинии сатҳи вилоятӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Дар он ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров ва мушовири ҳокими вилоят оид ба ҷорӣ намудани таҷрибаи Ҷопон Гото Микако ширкат намуданд.***

# ТАҶРИБАИ ҶОПОН ДАР СОҲАИ ТАЪЛИМ ҶОРӢ МЕГАРДАД

Ин таҷриба бори нахуст дар вилояти Фарғона маҳз аз ҳамин мактаби ноҳияи Ўзбекистон шурӯъ гардидааст. Аз оғози соли нави таҳсил он дар яке аз мактабҳои ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят низ ҷорӣ карда хоҳад шуд.

– Дар сурати ҷорӣ намудани ин таҷриба таълими халқи вилоят танҳо бурд хоҳад кард. Зеро усулҳои таълиму тадрис дар ин кишвари офтоббаро мояи омӯзиш ва пайравӣ мебошад ва онро тамоми олам эътироф намудааст, – гуфт ҳоким.

Қобил ба ёдоварист, ки то солҳои 70-уми асри XIX аксарияти аҳолии Ҷопон бесавод буд. Фақат самурайҳо имконият доштаанд, ки соҳибмаълумот шаванд. Мардуми оддӣ танҳо саводи ибтидоӣ омӯхта ва ҳисобро медонист.

Дар ҷараёни ислоҳоти Мэйдзи аввалин маротиба таҳсили умумӣ барои ҳама дар ин кишвар эълон карда шудааст. Дар ин давра дар намунаи Фаронса, ИМА ва Пруссия тарзу усули миллии маориф ба вуҷуд омадааст. Дар ҳама ҷо мактабҳои ибтидоӣ ва миёна, инчунин мактабҳои олӣ кушода шудаанд. Муаллимони хориҷӣ ба таври васеъ ба кор пазируфта шуда, доираи фанҳои таълимӣ дар мактабҳои он афзоиш ёфтааст.

Дарвоқеъ, ҳукумат дар баробари ин ба ҳифзи ҳуввияти миллӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардааст. «Рескрипти императорӣ оид ба маориф», ки маҷмӯи дастуру барномаҳои ҳифзи арзишҳои миллиро дар бар мегиранд, дар тамоми муассисаҳои таълимӣ дар давраи ғарбгароӣ васеъ истифода мешудааст.

Ҳукумат зарурияти тайёр кардани мутахассисонро барои соҳаҳои рӯзафзуни иқтисодиёт дарк намуда, соли 1886 системаи донишкадаҳои касбию техникии сенмон-гаккоро ташкил кардааст. Ин мактабҳо ба додани таълими амалӣ ба донишҷӯёне, ки ба гирифтани маълумоти олӣ майл надоштанд, равона карда шудаанд. Имрӯз, бар тафовут бо донишгоҳҳо ва коллеҷҳо, ин мактабҳо системаҳои чандир ва ба касб нигаронидашудаи таҳсилоти олӣ мебошанд.

Гуфта мешавад, ки пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳон ислоҳот дар соҳаи маориф бо мақсади ғайримарказизатсия, демократикунонии идоракунӣ ва эҷоди системаи нисбатан тағйирпазири маориф гузаронида шудааст. Аз ҷумла, дар ҳар як префектура ва шаҳрҳои Ҷопон шӯроҳои маориф таъсис дода шудаанд, ки барои идоракунии ин соҳа масъул мебошанд. Аъзоёни онро сокинони маҳаллӣ интихоб кардаанд.

Ана ҳамин масъалаҳои марбут ба таҷрибаи Ҷопон, ки ин кишвар кайҳо аз он истифода мебарад, дар чорабинии вилоятӣ байни омӯзгорон матраҳ гардидаву сабабҳои ҷорӣ намудани он тавзеҳ дода шуд.

Интизор меравад, ки барои ғайримарказикунонии системаи идоракунии маориф дар мамлакати мо низ бар асоси таҷрибаи Ҷопон шӯроҳои таълимӣ таъсис дода хоҳанд шуд. Дар он сурат сифати таълим ба меъёрҳои байналмилалӣ, хосатан ба нишондодҳои сарвари давлат, ки дар айни ҳол ба он хеле таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекунад, мутобиқат хоҳад кард.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# ХИДМАТИ НАҚЛИЁТ БЕҲ МЕГАРДАД

***Имрӯз шаҳри Тирмиз батамом симои зебо дорад. Бунёди биноҳои баландошёни истиқоматӣ ва маъмурӣ, кӯчаҳои васеву хиёбонҳо ба ҳусни шаҳр ҳусн зам мекунанд. Ҳудуди шаҳр аз чор ҷониб васеъ мегардад. Қиёфаи он аз 5-6 соли қаблӣ ба куллӣ фарқ мекунад.***

Пайдост, ки бо зиёд шудани аҳолӣ муаммоҳо низ пайдо мешаванд. Яке аз муаммоҳои солҳои охир, ки мардумро азият медод, хидмати нақлиёти шаҳр буд. Барои ба манзил расидан мусофирон дер гоҳ автобус интизор мешуданд ва автобусҳо кам буданд. Ин муаммо ҳалли худро ёфт. Дар 32-солагии Истиқлол 100 адад автобуси замонавии «Isuzi» оварда, ба филиали нави дар Тирмиз ташкилгардидаи ҶММ «Тошшаҳартрансхидмат» супорида шуд. Акнун ин автобусҳо ба аҳолии шаҳр ва меҳмонону сайёҳон хидмат мерасонад.

# ҚАДРШИНОСӢ



Касе, ки аз таҳти дил ва бовиҷдон хидмати халқу Ватан мекунад, беэътибор намемонад.

Алалхусус, дар Ўзбекистони мустақил, ки қадру қиммати инсон аз ҳама волост. Ҳар сол дар арафаи иди Истиқлол бо Фармони Президент як гурӯҳ ҳамватанон бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз мегарданд. Имсол ба муносибати 32-солагӣ дар сафи мукофотонидашудагон сокини маҳаллаи «Мустақиллик»-и ноҳияи Узун Абирбобо Бобоқулови 103-сола ҳам ҳаст.

Мукофоти давлатӣ – медали «Шуҳрат»-ро аз номи Президент ҳокими вилояти Сурхондарё Улуғбек Қосимов бо иштироки намояндагони ҳокимияти ноҳияву вилоят, фаъолони маҳалла, намояндагони се авлод ва хешу пайвандонаш бо тантана ба Абирбобо супурд ва ӯро бо мукофоти давлатӣ табрик гуфт.

Айни замон ин пири бадавлат дар маҳаллаи «Мустақиллик»-и ноҳияи Узун дар ҳалқаи фарзандону пайвандон зиндагии орому осуда дорад. Пири талхиву ширинии ҳаётро чашида зиёда аз 42 сол чӯпонӣ кардаву як умр луқмаи ҳалол хӯрда, 11 нафар фарзандро тарбия намудааст. Ӯ бобои 54 набера, бобокалони 71 чабера ва 5 абера мебошад. Ҳанӯз ҳам саломатии хуб, хотираи мустаҳкам дошта, ба ворисон аз рӯзгори вазнини солҳои пеш аз ҷанг ва фоҷиаҳои мудҳиши ҷанги ҷаҳониву солҳои барқарорсозӣ нақл мекунад. Аз даврони Истиқлол шукрона намуда, ба пасовандон ватанпарварӣ, меҳнатдӯстӣ, одамгарӣ ва қадршиносӣ барин хислатҳои некро талқин менамояд.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Сурхондарё.**

***Ислоҳоти соҳаи андоз дар кишвар ба манфиат ва ҳавасмандгардонии соҳибкорон нигаронида шудааст. Пардохти андоз ӯҳдадорӣ ва вазифаи ҳар як шаҳрванд ва соҳибкор мебошад.***

# АНДОЗ МЕХАНИЗМИ ИҚТИСОДИЁТРО БА НИЗОМ ОВАРАД

Андоз воситаи муҳими ба низомоварандаи иқтисодиёти кишвар будааст. Тибқи маълумоти нозири калони бюрои идораи вилоятии Иҷрои маҷбурии вилояти Навоӣ Рустам Қаҳрамонов дар панҷ моҳи аввали соли равон 58 миллиарду 3 миллион сӯм қарзи андоз аз муассисаҳо ва соҳибкорон рӯёнида шуд. Дар вилоят суммаи қарздорӣ аз андоз 197 миллиарду 194 миллион сӯмро ташкил медиҳад. Ба мақсади рӯёнидани ин миқдор қарз 12 965 ҳуҷҷати иҷрошаванда боз гардидааст. Ба ин мақсад молу мулки қарздорон ба миқдори 16 миллиард сӯм ба рӯйхат гирифта шуда, бо мақсади фурӯш 12-то молу мулки ҳар яке ба миқдори 15 миллиард сӯм ба тариқи электронӣ – онлайн ба аукцион гузошта шуд. Зимни саъйю ҳаракати идораи иҷрои маҷбурӣ аз хоҷагии фермерии «S.FRUIT»-и ноҳияи Кармана 1 миллиарду 300 миллион сӯм ба манфиати давлат рӯёнида шуд.

Пардохти андоз дар вақти муайян қадами муҳим дар фаровонии ҷамъият мебошад .

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# ШУКӮҲ ВА ТАНТАНАИ ИДИ ИСТИҚЛОЛ ДАР ФАРҒОНА

***Дар саҳни кӯшки консертии ба номи Ислом Каримови шаҳри Фарғона бахшида ба 32-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон тантанаи бошукӯҳ баргузор гардид. Он таҳти унвони «Барои ҳаёти нав, барои Ўзбекистони нав!» ба вуқӯъ пайваст. Дар он ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров ширкат ва суханронӣ намуд.***

– Натиҷаҳои ду чорабинии муҳими сиёсие, ки соли равон дар кишварамон баргузор гардид, яке раъйпурсии умумихалқӣ оид ба тарҳи нави Конститутсия ва дуввумӣ – интихоботи президентии пеш аз мӯҳлат, сиёсати оқилонаи Сарвари давлатамон ва фаровоншавии ҳаёти мардуми моро бори дигар собит намуд. Дар ин ду маъракаи сиёсӣ сокинони вилояти Фарғона дастаҷамъона ширкат намуданд ва сиёсати пешгирифтаи роҳбари давлатамонро якдилона маъқул донистанд, – гуфт Х. Бозоров.

Гуфта шуд, ки дар натиҷаи таваҷҷуҳи хоси Сарвари давлатамон ба вилояти Фарғона соли 2023 дар доираи ҳамаи барномаҳо барои рушди инфрасохтори маҳалла беш аз 2,9 триллион сӯм ҷудо карда шуд, ки дар натиҷаи он 1 ҳазору 529 километр оби нӯшокӣ, 774 километр хати нави барқ, қариб 14 километр шабакаҳои гази табиӣ кашида шудаву 2 ҳазору 352 километр роҳҳо ба тартиб дароварда шуданд.

– Бо камоли қаноатмандӣ қайд мекунам, ки роҳҳои дохилӣ мумфарш гардида, шароити маишӣ хеле беҳтар шуд, ба дурдасттарин деҳаҳои вилояти мо инфрасохтори замонавӣ расид, ки мардум аз ин дастовардҳоямон розиву қаноатманд мебошанд, – тазаккур дод Хайрулло Бозоров.

Қайд гардид, ки меҳнати пурмаҳсули кормандону коргарони идораву ташкилотҳо ва корхонаҳои гуногуни вилоят аз тарафи Сарвари давлат қадрдонӣ мешаванд. Ба таври мисол, дар фармони Президент Шавкат Мирзиёев, ки ба муносибати 32-юмин солгарди Истиқлоли давлатии кишварамон эълон гардид, 32 нафар намояндагони вилоят бо мукофотҳои олии давлатамон – ордену медалҳо сарфароз гаштанд.

Тантанаи идона бо консерти калони ҳунарпешагони вилоят ва ҷумҳурӣ бо шавқу завқи том давом кард.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-925.
Адади нашр 4545 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 00.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.